# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диисертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Омӯзиши таърихи манотиқи алоҳидаи ҷумҳурӣ барои рушди вазъи фарҳангии он аҳмияти бузурги илмӣ дорад. Аз ҷониби дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва вилоятҳои алоҳидаи он хеле муҳиму саривақтӣ буда, аҳамияти бузурги таърихӣ-кишваршиносӣ дорад.

Дар робита ба ин, омӯхтани мавзуи фаъолияти муассисаҳои маданӣ равшаннамоӣ аз қабили китобхонаҳо, осорхонаҳо, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва дигар риштаҳои фарҳанг барои вилояти Хатлон истисно нест, ки аҳмияти вижаи илмӣ дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқи илмии ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон на танҳо аҳмияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур баррасии вазъи ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар давраи истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти диссертатсиониро маводи бойгонӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, матбуоти даврӣ, ва маҷмуаҳои оморӣ ташкил медиҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар таърихнигори ватанӣ ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф таҳқиқ шудааст.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифода шуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи хронологи ва ҷуғурофӣ, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳмияти назариявӣ ва амалии кор манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гаштааст.

Боби якуми диссертатсия **«Таҳаввулот дар низоми таълиму тарбия** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал **«Дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон»** ба андешаи муаллиф, зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ дар соҳаи маориф мавқеи муҳим дорад.

Дар зербоби дувуми боби аввал «**Вазъи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ»** доир ба ин соҳа унвонҷӯ менависанд, ки шумораи умумии муассисаҳои таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва миёнаи махсус низ дар солҳои

мавриди назари мо афзоиш ёфт. Дар соҳаи омӯзиши олӣ низ тағйироти куллӣ ба амал омада мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби дувуми диссертатсия **«Вазъи адабиёт ва санъат»** аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал **«Нақши адабиёт ва васоити ахбори омма дар пешрафти ҳаёти маънавии мардуми вилоят»** Унвонҷӯй дар ин зербоб ҳамчунин ба таҳлили фаъолияти шуъбаи итифоқи нависандагони вилоят, васоити ахбори омма, аз қабили маҷалла, рӯзнома, шабакаҳои телевизонӣ, радиоӣ, ожонсиҳои иттилоотӣ ва ғайра пардохта, менависад, ки онҳо дар пешрафти ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон ҷойгоҳи муайян доранд.

Дар зербоби дуюм «**Рушди ҳунари театрию мусиқӣ»** муаллиф менависад, фаъолияти театрҳои касбӣ, халқӣ, филармония, дастаҳои ҳунарии вилояти Хатлон мо ба чунин натиҷа расидем, ки онҳо ҳамеша хидмати бошандагони вилоят, шаҳрвандони кишвар ва вазифаҳои касбиашонро бо сарбаландӣ ба иҷро мерасонанд.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертатсияҳо номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд.

Хулоса диссертатсия дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016) кори мантиқан анҷом расида ҳисобида шуда, муаллифи он Алишери Амирхон сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Такрзиздиҳанда, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи Славиянӣ Россия ва Тоҷикистон** **Шарифзода Л.Ш.**

**Имзои Шарифзода Л.Ш.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.А.**

15.11.2022